(Тарчумаи гайрирасми)

**Катъномаи 1325 (200),**
**ки 31 октябри соли 2000 дар чаласаи 4213-ми Шуро Амният кабул гашт.**

*Шурои Амният*

*бо истинод* ба катъномахои хеш зери раками 1261 (1999) аз 25 августи соли 1999, 1265 (1999) аз 17 сентябри соли 1999, 1296 (2000) аз 19 апрели соли 2000 ва 1314 (2000) аз 11 августи соли 2000, ба изхороти раиси худ ва *хамчунин бо истинод* ба изхороти Раис худ ба матбуот рузи 8 марти соли 2000 ба муносибати Рузи Созмони Милали Муттахид бахшида ба хукуки зан ва сулхи байнамилали (Рузи байнамилалии занхо) (SC/6816),

*хамчунин бо истинод* ба ухдадорихое, ки дар Эъломияи Пекин ва Платформаи амал, ба ухдадорихое, ки дар санади хотимавии чаласаи бисту саввуми вижаи Мачмаъи Умумии Созмони Милали Муттахид зери сарлавхаи «Занон дар соли 2000: баробари байни марду зан, рушд ва сулх дар карни XXI» (A/S-23/10/Rev.1), сабт шудаанд, хоса онхое, ки ба занхо ва низоъхои мусаллах алокаманданд,

*бо дарназардошти* хадаф ва мабдаъхои Оинномаи Созмони Милали Муттахид ва масъулияти бунёдии Шурои Амният барои нигох доштани сулхи байналмилали ва амният тибки Оиннома,

*бо изхори нигарони* аз он, ки мардуми мулки, ба вижа занхо ва кудакон, аксарияти онхоеро ташкил мекунанд, ки низоъхои мусаллах ба эшон таъсири манфи мегузоранд, аз чумла фирориёни панохчу ва мухочирини ичбори, ва беш аз пеш хадафи размандагону унсурхои мусаллах мегарданд, ва *эътирофи* паёмадхои ин хол барои сулх ва мусолахаи

*бо тасдики тозаи* накши мухими зан дар пешгириву халли низоъхо ва бунёди сулх ва *таъкиди* ахамияти иштироки баробар ва хаматарафаи онхо дар хамаи кушишхо бахри пойдориву мусоидати сулху амнияти ва зарурати таквият бахшидани накши онхо дар раванди кабули каррхо рочеъ ба пешгири ва халли низоъхо,

*бо тасдики тозаи* зарурати гузоштани эхтиром комил ба хукуки байналмилалии башаршдустона ва меъёрхои сохаи хукуки башар, ки хукуки занхо ва духтаронро дар рафти низоъхо ва баъд аз онхо химоят мекунанд,

*бо таъкиди вижаи* зарурати аз чониби хамаи тарафхо таъмин намудани бахисобгирии эхтиёчоти хосаи занону духтарон дар барномахои поксози аз минахо ва иттилоъот оид ба хатари минахо,

*бо эътирофи* зарурати ба назар гирифтани мушкилаи гендер аснои пиёда намудани амалиёти посдории сулх ва дар робита бо ин, бо ишора ба Эъломия Виндхук ва накшаи амали Намибия дар бобати ба назар гирифтани мушкилаи гендер хангоми гузарндани амалиёти бисёртаркибаи посдории сулх (S/2000/693),

*хамчунини бо эътирофи* ахамияти тавсия оид ба омодагардонии тахассусии хайати посдорони сулх дар масъалахои вобаста ба химоят, эхтиёчоти махсус ва хукуки башарии занхо ва кудакон дар холатхои низоъ, ки дар изхороти Раиси он, ки рузи 8 марти соли 2000 оварда шудааст,

*бо эьтирофи* оне, ки дарки таъсири низоъхои мусаллах ба занон ва духтарон ва вучуди дастгоххои (механизмхои) фаъоли ташкили, ки химоят ва иштироки пурраи онхоро дар раванди сулх замонат медихад, метавонанд, ба дарачаи зиёд, ба нигохдори ва тахкими сулх ва амнияти байналмилали мусоидат кунанд,

*бо кайд намудани* эхтиёч ба маълумоти чомеъ оид ба таъсири низоъхои мусаллах ба занону духтарон

1. давлатхои узвро *бо исрор даъват ба он мекунад*, ки иштироки фаъолтари занонро дар хамаи сатхои тасмимгирихо дар чахорчуби муассисахо ва дастгоххои милли, минтакави ва байналмилалии пешгири, ва халлу фасли низоъххо таъмин намоянд;

2.Дабири кулро *даъват ба он мекунад*, ки накши кори стратегии худро (A/49/587), ки дар он фаъолтар гардондани иштироки занон дар сатхи тасмимгирихо дар халлу фасли низоъхо ва равандхои сулх пешбини шудааст, амали гардонад;

3.Дабири кулро *бо исрор даъват ба он мекунад*, ки теъдоди бештари занонро ба мансабхои намояндаву фиристодахои вижа тайин намояд ва ба онхо аз номи худ ичрои вазифаи такдими хидматхои хамидаро таклиф кунад ва, *вобаста ба ин,* аз давлатхои узв даъват ба амал меорад, ки ба Дабири кулл номзадхоро барои дохил намудан ба руйхати марказонидашуда ва мунтазам тачидёбанда пешбари кунанд;

4. Дабири кулро *хамоно бо исрор даъват ба он мекунад*, ки барои тавсеъ намудани накш ва сахми занон дар чахорчуби амалиёти майдонии Созмони Милали Муттахид, ба вижа дар байни нозирони низоми, хайати пулиси мулки, кормандони бахши хкуки инсон ва хайати башардустона кушиш ба харч дихад;

5.Омодагии худро барои ворид намудани дурнамои гендери ба амалиети посдории сулх *изхор намуда*, *бо исрор* аз Дабири кул *даъват ба амал*

*меорад,* ки унсури гендерро, хар он чое, ки муносиб аст, ба амалиёти майдони дохил кунад;

6. аз Дабири кул *хохиш мекунад,* ки ба давлатхои-аъзо рочеъ ба тахия намудан ва пешкаш кардани маводи вобаста ба химоят, хукук ва эхтиёчоти вижаи занон ва, хамчунини, ахамияти чалб намудани занон ба хамаи чорабинихо марбут ба посдории сулх ва бунёди сулх дастури рохбарикунанда дихад, ба давлатхои-аъзо ворид намудани ин унсурхо ва хамчунини таёриро дар иртибот ба масъалахои дарк намудани мушкилаи ВИЧ/СПИД ба барномахои миллиашон оид ба таёр намудани хайати низоми ва пулиси мулки дар арафаи густариш онхо *таклиф кунад,* ва боз аз Дабири кул *дархост дорад,* ки аз чониби хайати мулкии амалиёти посдории сулх ноил гаштанро ба таёрии хаммонанд таъмин намояд.

7.*бо исрор* аз давлатхои-аъзо *даъват ба амал меорад*, ки дастгирии ихтёронаи молияви, фанни ва моддии кушишхоро дар ростои таёр намудани аъзои хайатхо бо дарназардошти чанбахои гендери, аз чумла кушишхое, ки аз чониби Бунёди Созмони Милали Муттахид барои рушд ба манфиати занон ва Бунёди кудакони Созмони Милали Муттахид ва Саридораи Нозири Олии Созмони Милали Муттахид оид ба умури панохандагон ва сохторхои дигари марбута ба харч дода мешаванд, тавсеъ диханд;

8. аз хамаи ашхоси мутассади даъват ба амал меоварад, ки аснои хамохангсози ва ичрои созишхои сулх аз расидагие истифода баранд, ки чанбахои гендериро ба назари эътибор мегиранд, аз чумла:

а) эхтиёчи махсуси занон ва духтаронро хангоми ба ватан баргардондан ва ва чойгир намудан ва хамчунин дар масъалахои марбут ба баргардондани офият, хамиши дубора ба чомеъа ва эъмори пас аз низоъ;

б) пиёда намудани чорабнихоеро, ки ба дастгирии ташаббусхои сулхчуёнаи махалли, ки аз чониби занон нишон дода мешаванд, равандхои махаллии халлу фасл намудани низоъхо ва чалби занон ба фаъолияти хамаи механизмхои татбик намудани созишхои сулх равона карда мешаванд.

в) пиёда намудани чорабинихоеро, ки химоят ва эхтироми хукуки башари занону духтаронро таъмин мекунанд, ба вижа хукукхои марбут ба конституция, низоми интихобот ва фаъолияти пулис ва сохторхои додгох.

9. хамаи тарафхои низоъи мусаллахонаро ба риояи пурраи меъёрхои байналмилалии хукукие, ки нисбат ба хукук ва химояти занону духтарон, хоса чун шахсони мулки, татбик мешаванд, аз чумла ухдадорихое, ки нисбат ба онхо тибки Конвенцияи Женева аз соли 1949 ва Протоколхои изофаги ба конвенцияхои соли 1977, Конвенцияи дар бораи гурезахои соли 1951 ва Протоколи соли 1967 ба он, Конвенция дар бораи бархам додани

хамаи шаклхои тамйизи занхо ва Протоколи факултави ба он аз соли 1999, Конвенцияи Созмони Милали Муттахид оид ба хукуки кудаки соли 1989 ва ду протоколи факултави ба он аз 25 маи соли 2000, ва ба эътибор гирифтани мукаррароти марбутаи Статути Рими Додгохи байналмилилаи чинои даъват мекунад.

10. хамаи тарафхои низоъхои мусаллахро барои кабул намудани чорахои махсус рочеъ ба химояти занон ва духтарон аз зуровари дар асоси мансубияти чинси, ба вижа аз тачовуз ва шаклхои дигари тахкири чинси, дар холатхое, ки низоъи мусаллах ба миён меоварад, *даъват мекунад*;

11.*махсусан ишора мекунад*, ки хамаи давлатхо барои хотима гузоштан ба бедодгарихо ва ба рох мондани таъкиби судии ашхосе, ки дар содир намудани геноцид ва чиноятхо бар зидди башарият ва чиноятхои низоми, аз чумла чиниятхои марбут ба зуроварии чинси ва шаклхои дигари зуровари наисбат ба занхову духтарон, масъуланд ва дар ин робита зарурати, хар вакте ки ин имконпозар бошад, шомили бандхо авф нагаштани ин навъи чиноятхоро таъкид мекунад;

12. хамаи чонибихо низоъи мусалларо ба эхтиром намудани характери башардустона ва мулкии бошишгоххои фирориён ва ба назари эътибор гирифтани хочатхои махсуси занхову духтаронро, аз чумла асно тархрезии ин бошишгоххо *даъват карда* ба катъномахои худ – 1208 (1998) аз 19 ноябри соли 1998 ва 1296 (2000) аз 19 апрели соли 2000, истинод мекунад;

13. омодагии худро барои дарназар доштани пахлухои гендери дар амалиёти посдории сулх *изхор мекунад* ва бо исрро Дабири кулро барои таъмини ворид кардани унсури гендери ба хамаи амалиети майдони даъват мекунад;

14. омодагии худро, хар вакте ки вобаста ба моддаи 41 Оинномаи Созмони Милали Муттахид чорахо дида мешаванд, барои ба назар гирифтани таъсири имконпазири онхо барои ахолии мулки тасдик мекунад, бо дарназардошти эхтиечоти махсуси занону духтарон ба хотири пешибини намудани истисноотии муносиби башардустона;

15.омодагии худро барои таъмини оне, ки Шурои Амният масъалахои гендер ва хукуки занхоро ба назари эътибор мегирад, аз чумла тавассути гузарондани машваратхо бо гуруххои махалли ва байнамилалии занхо, *изхор мекунад*;

16. аз Дабири кул *хохиш мекунад*, ки оид ба таъсири низоъхои мусаллах ба занону духтарон, накши зан дар бунёди сулх, пахлухои гендерии равандхои сулх ва халлу фасл намудани низоъхо тадкикот гузаронад ва *хамчунин аз у хохиш* мекунад, ки маърузаро оид ба натичахои ин барраси ба Шурои

Амният пешниход кунад ва ба тасарруфи хамаи давлатхои узви Созмони Милали Муттахид вогузорад.

17. аз Дабири кул *хохиш мекунад* ки дар холатхои муносиб маълумотро дар бораи рафти ичрои кушишхо рочеъ ба таъмини ба назари эътибор гирифтани мушкилаи гендер асной пиёда намудани фаъолияти хайатхои посдории сулх ва дар бораи хамаи пахлухи дигари марбут ба зану духтархо ба маърузахои худ ба Шурои Амният дохил кунад.

18. *карор мекунад*, ки фаъолона сарукор доштан бо ин масъала бояд идома ёбад.